«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.х., профессор
Насриддинзода Э.С. ________
аз «_3_» __03__ соли 2025

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология дар кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Муҳаққиқ Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар марҳалаи омода намудани диссертатсия ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи зикршуда фаъолият менамуд.

Бобоёров Холмаҳмад Холиқович шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Номбурда соли 2002 ба ихтисоси психологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2007 хатм намудааст. Инчунин, бо фармоиши ректор аз 16-уми январи соли 2009, таҳти №134-05 ба ҳайси аспиранти рӯзонаи кафедраи психологияи факултети фалсафаи донишгоҳи зикргардида дар гурӯҳи буҷавӣ қабул шуда, 07-уми январи соли 2012 таҳти №10-05 аспирантураи шуъбаи рӯзонаро аз рӯйи ихтисоси психология бомуваффақият хатм намудааст.

Мавзуи таҳқиқшуда, ки аз ҷониби Бобоёров Холмаҳмад Холиқович пешниҳод гардида буд, дар маҷлиси кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 31-уми декабри соли 2008, суратмаҷлиси №5 зери унвони «Изучение психофизиологических механизмов развития типов высшей нервной деятельности школьников разного возраста» тасдиқ гардид. Баъдан, соли 2024 бо назардошти

шиносномаи ихтисосҳо, Низомномаю дастурамал ва Шуроҳои амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ивази мавзуи муҳаққиқ сурат гирифт. Яъне, мавзуи рисолаи илмии Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар ҷаласаи кафедраи зикргардида аз 17-уми январи соли 2024, суратмаҷлиси №6 ва ҷаласаи Шурои олимони факултети болозикр аз 21-уми феврали соли 2024, суратмаҷлиси №8 аз «Изучение психофизиологических механизмов развития типов высшей нервной деятельности школьников разного возраста» ба «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи хонандагони синфҳои 7-9 дар ҷараёни таълим (дар шароити муассисаҳои таълимӣ)» иваз ва тасдиқ карда шуд. Инчунин, ҳангоми пешдифои диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи зикргардида, дар заминаи муҳокимаю баррасии рисола пешниҳод гардид, ки номи мавзуи рисолаи илмӣ аз «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи хонандагони синфҳои 7-9 дар ҷараёни таълим (дар шароити муассисаҳои таълимӣ) ба «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» гузаронида шавад.

Роҳбари илмии диссертант Бобоёров Холмаҳмад Холиқовичро дар аввал доктори илмҳои биология, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонот ба номи академик Сафаров Ҳ.М. факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Б.М. Устоев ба уҳда дошт. Аммо бо назардошти талаботи Низомнома ва дастурамали КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17-уми январи соли 2024, суратмаҷлиси №6 дар ҷаласаи кафедраи психология ва Шурои олимони факултети болозикр аз 21-уми феврали соли 2024, суратмаҷлиси №8 роҳбари илмии диссертант Бобоёров Холмаҳмад Холиқович иваз гардида, роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Н.М. Юнусова таъин шуд.

Аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Бобоёров Холмаҳмад

Холиқович шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ (минимум) аз санаи 25-уми феврали соли 2025 дода шудааст.

Диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар ҷаласаи кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ аз 27-уми феврали соли 2025, №7/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» хулосаҳои зерин бароварада шуд:

- мавзуи диссертатсия ба ихтисоси *19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология* мувофиқат мекунад;
- мавзуи таҳқиқшуда аҳамияти илмиро соҳиб мебошад. Зеро хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷ дар ҷараёни азхудкунии дониш яке аз масъалаҳои мубрам буда, таваҷҷуҳи психологҳо, педагогҳо, физиологҳо ва муҳаққиқони дигар соҳаҳоро аз замонҳои қадим то ба имрӯз ба худ ҷалб намудааст. Дар ҳаёти рӯзмарраи омӯзгорону хонандагон механизми азхудкунии дониш пайваста ҷустуҷӯ мегардад. Инчунин, дар синни наврасӣ бухрони психофизиологӣ зуҳур мекунад, ки андеша, гуфтор ва рафтори ҳамвораи наврасро ба тағйироту дигаргуншавӣ мубаддал мегардонад. Аз ин лиҳоз, диссертант масъалаи мазкурро бо асоснокунонии илмӣ мубрам дониста, ба сифати мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор додааст;
- диссертант таҳқиқоти мазкурро бо мақсади ошкор кардани хусусиятҳои гендерии типҳои мизоҷи наврасон ва алоқамандии онҳо бо ҷараёни азхудкунии дониш ба роҳ мондааст. Дар ин замина диссертант иҷрои як қатор вазифаҳоро дар пеши худ гузоштааст: омӯзиш ва таҳлили адабиёти психологӣ, педагогӣ, физиологӣ ва дигар соҳаҳои ба ин масъала марбутбуда; муайян ва ошкор кардани моҳият ва хусусиятҳои фарқкунандаи типҳои мизоҷ дар алоқамандӣ бо типҳои фаъолияти олии

асаб дар асоси таҳлили сарчашмаҳои илмӣ; таҳқиқи таъсир ва нақши хосиятҳои типологии мизоҷ ва типҳои фаъолияти олии асаб ба сатҳи азхудкунии дониш; омӯзиши сатҳи азхудкунии дониш бо ҳар як типи мизоҷ, алоқамандии бевоситаи типҳои мизоҷ бо фаъолияти олии асаб ва фарқияти донишазхудкунии наврасон; дар ҷараёни таҳқиқот дида баромадани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии азхудкунии дониш ва пайдо гардидани майлу хоҳиш ба таълим аз ҷониби хонандагон бо дарназардошти хосиятҳои фарқкунандаи типҳои мизоҷ ва ғайра, ки чунин вазифагузорӣ барои объективона таҳқиқ кардани мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» ифодакунандаи апарати илмии диссертатсия мебошад;

- натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ барои самаранок гардонидани фаъолияти психологҳои мактабӣ, омӯзгорону мураббиён ва падару модар дар раванди таълиму тарбия ва татбиқи чорабиниҳои психокоррексионию инкишофдиҳӣ ва мутобиқнамоӣ ба муҳити нав мавриди истифода қарор гирифта, сатҳу сифати кори онҳоро баланд мебардорад;

- натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсияи мазкурро дар раванди машваратҳои психологӣ, ташхисҳои психологӣ, барномаҳои психокоррексионӣ, таҳияи модулҳои омӯзишӣ ва ҳангоми таҳияи васоиту дастурҳои методии фанҳои психологияи педагогӣ ва психологияи гендерӣ аҳамиятнок мебошад. Инчунин, мураббиёну омӯзгорон дар мавриди истифода кардани натиҷаи таҳқиқоти мазкур самаранокии фаъолияти таълиму тарбияро баланд мебардоранд;

- омӯзиши методологии хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷ дар ҷараёни азхудкунии дониш дар синну соли наврасӣ ба таври системанок ва бо риояи принсипҳои таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби диссертант ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон дар раванди таҳқиқоти мазкур консепсияҳои мухталифи психологию анатомӣ-физиологӣ мавриди баррасию таҳлил қарор гирифта, илмияти диссертатсияро баланд бардоштааст;

- дар диссертатсияи мазкур навгониҳои илмии таҳқиқот ба таври зарурӣ асоснок гардида, андешаҳои назарраси илмӣ пешниҳод гардидааст, ки дар раванди таълиму тарбия ва муносибату муошират бо наврасон аҳамиятнок мебошад. Мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия ҷошуда доираи васеи масъалаи хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии донишро фарогир буда, бо асосноккунонии илмию таҳлили психологӣ пурра гардида, дар илми психологияи ватанӣ таҳқиқоти тоза ба шумор меравад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқот назаррас буда, мубрамияти мавзуъ, ҳадафи асосии таҳқиқот, иҷрои вазифаҳои дар пеш гузошташуда, марҳалаҳои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи диссертант ба анҷом расидааст, ки аз маҳорати баланди ӯ дарак медиҳад. Диссертант дар доираи таҳқиқоти хеш, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳои таҳлилӣ, пешниҳоди мушаххас ва нуктаҳои илмии худро дар интишороташ ҷой намуда, бо асосноккунонии илмию иқтибосоварӣ исбот кардааст, ки дар ҷодаи фаъолияти илмӣ аз муваффақ будани ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия яке аз масъалаҳои муҳими психология буда, дар замони муосир аҳамияти хосаро соҳиб аст. Он ҷанбаи назариявию амалиро доро буда, дар илми психологияи ватанӣ ҳамчун як таҳқиқоти хусусияти миллидошта ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Чунки диссертатсияи мазкур дар чорчӯбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои психологии рушди ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ равона шудааст, таҳия ва иҷро гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи

ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мутобиқат менамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», 3 боб, 11 зербахш, бахши «Хулосаҳо» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ» ва бахши «Замимаҳо» иборат аст.

Корҳои нашршудаи диссертант ва автореферат мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расидааст, ки мазмуну моҳияти рисолаи илмиро дар бар мегирад. Диссертант дар интишорот натиҷа, хулоса ва тавсияҳои аз таҳқиқоти бадастовардаашро ҷой намудааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Мақолаҳои илмии диссертант дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Аз ҷумла:

[1-М] Юнусова Н.М., Бобоёров Х.Х. Истифодаи амалии методикаҳои таҳқиқотӣ-психологӣ ҳангоми омӯзиши типҳои мизоҷ ва фаъолияти олии асаб [Матн] / Н.М. Юнусова, Х.Х. Бобоёров // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2025. – №2 (50). – С. 235-240

[2-М] Юнусова Н.М., Бобоёров Х.Х. Таҳлили гендерии таъсири хосиятҳои типологии мизоҷ ба раванди азхудкунии дониш [Матн] / Н.М. Юнусова, Х.Х. Бобоёров // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2024. №4 (8). – С. 105-114

[3-М] Бобоёров Х.Х. Асосҳои психологии зуҳуроти гендерии хосиятҳои типологии мизоҷ дар раванди таълим [Матн] /Х.Х. Бобоёров // Паёми

Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2024. №1 (45). – С 158-166

[4-М] Бобоёров Х.Х., Ҳамидов У.Т. Сатҳи волои таҳсил – кафили пешрафти ҷомеа [Матн] / Х.Х. Бобоёров, У.Т. Ҳамидов // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2023. №2 (42). – С. 20-26

[5-М] Бобоёров Х.Х. Омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти олии асаби кӯдак [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2022. №4 (40). – С. 26-31

[6-М] Бобоёров Х.Х. Донишандӯзӣ натиҷаи ташаккули типҳои фаъолияти олии асаб ва хосиятҳои он [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе, 2021. №1 (33). – С. 103-108

[7-М] Бобоёров Х.Х. Тарбия ва тайёр кардани мутахассисони баландихтисос бо дарназардошти типҳои фаъолияти олии асаб [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. №3 (36). – С. 79-84

[8-М] Бобоёров Х.Х., Устоев М.Б. Таъсири шарту шароитҳои экологӣ ба ҳолати психофизиологии хонандагон [Матн] / Х.Х. Бобоёров, М.Б. Устоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. №8 (72) – С. 365-368.

[9-М] Устоев М.Б., Бобоёров Х.Х. Тавсифи психофизиологии мизоҷ ва хосиятҳои он дар ташаккули фаъолияти олии асаб [Матн] / М.Б. Устоев, Х.Х. Бобоёров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. №3 (59). – С. 284-289

Муаллифи рисола дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маърӯза намудааст. Аз ҷумла:

[1-М] Бобоёров Х.Х. Мушкилоти ташкили низоми таҳсилоти кӯдакон ва хонандагони талаботи махсусдошта дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Маводи конференсияи III байналмилалӣ дар мавзуи «Таҳсилоти фарогир: Мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли онҳо» (ш. Душанбе, 29 ноябри 2017), – Душанбе, 2017. – С. 79-83

[2-М] Бобоёров Х.Х. Маҳсулнокии донишандӯзӣ натиҷаи ташаккули типҳои фаъолияти олии асаб [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир» (ш. Душанбе, 29 апрели 2021), – Душанбе, 2021. – С. 314-318

[3-М] Бобоёров Х.Х. Мушкилоти психологӣ-иҷтимоии оилаҳои ҷавон дар ҷомеаи муосир [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Назария ва амалияи ташхиси психологӣ ва зарурати такмили он» (ш. Душанбе, 15 ноябри 2021), – Душанбе, 2021. – С. 174-177

[4-М] Бобоёров Х.Х. Роль типов высшей нервной деятельности в развитии познавательных процессов у учащихся разного возраста [Матн] / Х.Х. Бобоёров // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ дар таъмини солимии психологии насли ояндасоз» (ш. Душанбе, 02 феврали 2022), – Душанбе, 2022. - С. 138-146

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди истеҳсолот, яъне ҳангоми мураттаб намудани барномаҳои мақсаднок, модулҳои омӯзишӣ, ташхисҳои психологӣ, озмоишҳои худташакулдиҳандаю машварати психологӣ ва дигар ҳолатҳо мавриди истифода қарор гирифта метавонанд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди пажуҳиши минбаъдаи масъалаи хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш ҳамчун сарчашмаи илмию методологӣ хизмат кунанд.

Ҳамин тавр дар асоси таҳлилу баррасӣ ва хулосабарории диссертатсияи мазкур чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи таҳиянамудаи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Бобоёров Холмаҳмад Холиқович дар мавзуи «Хусусиятҳои гендерии зуҳуроти хосиятҳои типологии мизоҷи наврасон дар ҷараёни азхудкунии дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология, бо назардошти ислоҳи эродҳои гирфташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи кафедраи психологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 27-уми феврали соли 2025 протоколи таҳти №7/1 қабул гардидааст. Иштирок доштанд: ҳамагӣ 18 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» -18 нафар, «зид» - нест; «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа: мудири кафедраи психологияи факултети фалсафаи ДМТ, доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси психология, дотсент** **Саидзода Б.Х.**

**Котиби ҷаласа: н.и.с., дотсент** **Расулов С.Х.**

**Имзоҳои Б.Х. Саидзода ва С.Х. Расуловро тасдиқ мекунам.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**